Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзӯи рисола, накша, маводҳои илмию амалии дар рисола истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи тадқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Шартномаҳо дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ воситаи асосии пешбурди он мебошад. Яке аз шартномаҳои муҳим дар ин бахш шартномаи фаъолияти якҷоя мебошад, ки онро аз қадим мардуми мо васеъ истифода мебурданд. Муллиф дуруст зикр менамояд, ки "шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз шартномаҳои маъмултарин, ҳамзамон яке аз шартномаҳои аз ҷиҳати табиати ҳуқуқӣ мураккаб мебошад. Бо вуҷуди пурра танзимшаванда ба назар расидани институти ширкати одӣ, меъёрҳои қонунгузории амалкунанда на ҳамеша ба мо имкон медиҳанд, ки мушкилоти мубрами амалиеро, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи шарикон ба миён меоянд, ҳал намоем. Ба мушкилоти ҷойдошта дохил мешаванд: роҳ додани шарикон ба хатоиҳои зиёд ва

ногузир дар баҳисобгирии фаъолияти якҷоя дар мавриди риояи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи баҳисобгирӣ; аксар вақт баррасии маҳдуди мавзӯи шартнома ва дар асоси он ба роҳ мондани иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, расонидани кумаки беподош ё ҷуброн, таъминоти мол ё маҳсулот; таснифоти шартномаи ширкати одӣ; муносибати иштирокчиёни пешбарандаи корҳои якҷоя бо шарикони дигар; тақсимоти амволи умумии шарикон пас аз қатъи шартнома; таносуби шартномаи ширкати одӣ бо дигар шартномаҳои монанд, ки барои мақсадҳои андозбандӣ махсусан муҳим аст (шартномаи ҳамкорӣ, шартномаи маблағгузории муштарак, шартномаи таъсисӣ); тартиби бекор кардани шартномаи шарикии одӣ. Мушкилоти дигар дар он аст, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои «шартномаи фаъолияти якҷоя» ва «шартномаи ширкати одӣ»-ро ҳамчун муродиф меҳисобад, дар ҳоле ки дар доктринаи ҳуқуқи гражданӣ оид ба таносуби ин мафҳумҳо андешаҳои гуногун мавҷуданд (аз эътирофи дурусти муродиф будани ин мафҳумҳо то радди далели монандӣ доштану ба натиҷаи усули ҳуқуқӣ вобаста будани он) (с. 5-6).

Умуман он масъалаҳое, ки муаллиф дар рисола матраҳ намудааст, ҷолиби диққат буда, аз мубрам будани мавзӯъ далолат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо, ки дар бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» муайян карда шудаанд, таҳия гардидаанд. Рисола кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории гражданию соҳибкорӣ заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи

диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқаррароти илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) яке аз шаклҳои қадимаи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар низоми муосири ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳимро ишғол намуда, имкон медиҳад, ки ҳамкории мураккаби субъектҳои соҳибкорӣ бахри расидан ба мақсади умумӣ таъмин карда шавад. Бо рушди фаъолияти соҳибкорӣ шартномаи фаъолияти якҷоя низ воситаи ҷудонашавандаи ноил шудан ба самараи хоҷагидорӣ боқӣ монд. Яке аз ҷанбаҳои асосии амалӣ ва ҳуқуқии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя мақсадест, ки бахри он субъектҳои хоҷагидорӣ ба ширкати одӣ муттаҳид мешаванд. Маҳз ин хусусият мақсади таъсиси ширкати одиро аз ҳама гуна воситаҳои дигари якҷоякунии амвол, амонатҳо ва ғайра фарқ мекунонад. Мақсадҳои зерини умумии шариконро ҷудо кардан мумкин аст: а) фаъолияти соҳибкорӣ; б) фаъолияти сармоягузорӣ; в) мақсадҳои ғайритиҷоратӣ.

2. Шартномаи фаъолияти якҷоя воситаи танзимнамоии фаъолияти соҳибкории иттиҳоди соҳибкорӣ мебошад, ки шарикони он дар фаъолияти якҷоя саҳм гузошта, ҳуқуқ доранд аз ин фаъолият натиҷаҳои моддӣ ва дар баъзе ҳолатҳо қаноатмандии мутақобила ба даст оранд. Иттиҳоди соҳибкорӣ субъекти дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ набуда, аз

ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ таъсис дода мешавад ва дар асоси принсипҳои риояи манфиатҳои тиҷоратӣ ва нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқии иштирокчиён баҳри мунтазам ба даст овардани фоида бо роҳи ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва самтҳои асосии тиҷорати иштирокчиён фаъолият менамояд. Ҳангоми муайян кардани мақоми иттиҳоди соҳибкорӣ усули системавӣ истифода мегардад, ки барои иқтисодиёти кишвар дар рушди муносибатҳои бозоргонӣ баҳри баинобатгирии хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин иттиҳодияҳо аз ҷониби соҳаҳои қонунгузории гражданӣ, андоз ва зиддиинҳисорӣ зарур аст.

3. Шартномаи фаъолияти якҷоя на танҳо муносибатҳои молу мулкиро ба танзим медарорад, балки муносибатҳои байни иштирокдоронро низ муайян мекунад ва дар ин асно сохтори корпоративии дохилиро ба вуҷуд меорад, ки шахси ҳуқуқӣ набуда, иттиҳоди бо шартнома танзимшудаи монанд ба сохтори ташкилот аст. Ширкати одӣ ҳамчун иттиҳоди соҳибкорӣ бо мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии дохилӣ байни шарикон ва муносибатҳои берунии ҳуқуқӣ байни ширкати одӣ ва шахсони сеюм тавсиф карда мешавад.

4. Мутобиқ кардани қонунгузорӣ оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя ба созишномаҳои истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Шартномаи фаъолияти якҷоя бо ин созишномаҳо мушобеҳ нест, зеро дар созишномаҳо оид ба истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо ягон мақсади умумие вуҷуд надорад. Дар навбати худ шартномаи фаъолияти якҷоя дар аввал маҳсулоти ягонаи моддӣ (молҳо, хизматҳо) надорад, ки мавриди истифодаи муштарак қарор дода шавад. Барои бастани шартномаи фаъолияти якҷоя ва намудҳои он модели классикии ташкили робитаҳои шартномавӣ истифода мешавад. Баръакси он барои бастани созишномаҳо дар бораи истифодаи муштараки молҳо ва хизматҳо дар бисёр ҳолатҳо миёнаравҳо

байни тарафҳо истифода мешаванд. Шартномаи шарикии одӣ ду намуди муносибати ҳуқуқиро ба миён меорад: уҳдадорӣ ва ашёӣ. Зеро молу мулки саҳмгузоштаи шарикон, ки ба онҳо дар асоси моликият тааллуқ доранд, инчунин, маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти якҷоя истеҳсолшуда ва самараю даромадҳое, ки аз чунин фаъолият ба даст оварда шудаанд, ҳамчун молу мулки муштараки шарикон эътироф карда мешаванд.

5. Шарикон дар шартномаи фаъолияти якҷоя дорои чунин уҳдадориҳои ҳатмӣ мебошанд: барои ноил шудан ба мақсади умумӣ муттаҳид шаванд - ба даст овардани фоида ё ба даст овардани мақсади дигаре, ки хилофи қонун намебошад; амалҳои шахсиро иҷро кунанд ва бо иштироки шахсӣ дар расидан ба мақсади умумӣ саҳм гузоранд; барои ноил шудан ба мақсад саҳм гузоранд; масъулияти талафот ва хароҷотро аз фаъолияти якҷоя бар дӯш гиранд, фоида ва ё зарарро байни худ тақсим кунанд.

6. Шарики собиқи ширкати одӣ дорои як қатор хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ мебошад: ҳуқуқи талаб кардани баргардонидани саҳм дар лаҳзае ба миён меояд, ки шарик дар бораи қатъ намудани шартнома мурочиат намудааст ва шарикони боқимонда бояд ин уҳдадориро дар давоми се моҳ иҷро кунанд; шарики собиқ на танҳо хароҷоти ба зимма гирифташударо ҳангоми иштирок дар шартнома бар дӯш мегирад, инчунин, вай ба як қисми фоидае, ки шарикон дар давраи иштирокашон дар фаъолияти якҷоя гирифтаанд, ҳуқуқ дорад; тартиби баромадани шарик аз ширкати одӣ метавонад бо созишномаи дахлдори байни ӯ ва шарикони дигар танзим карда шавад. Агар созишнома тартиб дода нашуда бошад, он гоҳ шарик, ки рад кардани иштироки минбаъдаро дар шартнома эълон кардааст, пас аз се моҳ баровардашуда ҳисобида мешавад (агар дар шартнома мухлати кӯтоҳтар муқаррар нашуда бошад); шарики собиқ барои уҳдадориҳои умумие, ки то лаҳзаи даст кашидан аз иштирок дар шартнома ба миён омадааст, масъулият дорад.

7. Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯи баррасишаванда, муаллиф баҳри такмили қонунгузорӣ чунин пешниҳодҳо намудааст:

7.1. Моддаи 1058 КГ ҶТ дар таҳрири нав бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад: «Моддаи 1058. Шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ)

1. Ширкати одӣ дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя таъсис дода мешавад. Тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) тарафҳо уҳдадор мешаванд, ки барои ба даст овардани фоида ё ба даст овардани мақсади дигаре, ки хилофи қонун намебошад, якҷоя фаъолият кунанд. Ширкати одӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад.

2. Шартномаи фаъолияти якҷоя байни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, байни шахсони ҳуқуқӣ (консорсиум) баста мешавад.

3. Тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя, ки барои амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ баста мешаванд, танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ буда метавонанд.

4. Уҳдадориҳои шарикони ширкати одӣ дар назди шахсони сеюм, ки бо шартномаи фаъолияти якҷоя алоқамандайд, муштарак мебошад, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

5. Шартномаи фаъолияти якҷоя бояд хаттӣ баста шавад».

7.2. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1067 (1) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1067 (1). Додани ҳуқуқ ва даст кашидан аз иштирок дар фаъолияти якҷоя

1. Додани ҳуқуқ барои иштирок дар фаъолияти якҷоя танҳо бо розигии иштирокчиёни шартномаи фаъолияти якҷоя мумкин аст.

2. Иштирокчии шартномаи фаъолияти якҷоя ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ аз иштирок дар фаъолияти якҷоя даст кашад.

3. Зарари иштирокчиён, ки дар натиҷаи даст кашидани ҳар яки онҳо аз иштирок дар фаъолияти якҷоя ба амал омадааст, агар дар шартномаи фаъолияти якҷоя тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, пурра рӯёнида мешавад».

7.3. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1069 (1) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1069 (1). Консорсиум

1. Консорсиум иттифоқи (иттиҳоди) муваққатӣ, ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқи дар асоси шартномаи фаъолияти якҷояи хоҷагидорӣ таъсисдодашуда мебошад, ки дар он шахсони ҳуқуқӣ захираҳои муайянро муттаҳид намуда, кӯшишҳоро барои ҳалли масъалаҳои мушаххаси иқтисодӣ ҳамоҳанг мекунанд.

2. Аъзои консорсиум мустақилияти хоҷагии худро нигоҳ медоранд ва метавонанд дар фаъолияти дигар консорсиумҳо ва ассотсиатсияҳо ширкат варзанд. Муносибати байни аъзои консорсиум дар асоси шартномавӣ ташкил карда мешавад.

3. Идоракунии консорсиум тибқи созишномаи консорсиуми иштирокчиёни он амалӣ карда мешавад.

4. Иштирокчиёни консорсиум аз рӯи ухдадориҳои марбут ба фаъолияти консорсиум, агар дар созишномаи консорсиум тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, масъулияти муштарак доранд.

5. Консорсиум фаъолияти худро пас аз иҷрои вазифаи таъйиншуда ё бо қарори иштирокчиёни он қатъ мекунад».

7.4. Ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1069 (2) бо мазмуни зайл пешниҳод карда шавад:

«Моддаи 1069 (2). Ширкати махфӣ (хомӯшона)

1.Бо шартномаи фаъолияти якҷоя метавонад пешбинӣ шавад, ки мавҷудияти он ба шахсони сеюм ошкор карда намешавад (ширкати махфӣ). Ба чунин шартнома қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин боб оид

ба шартномаи фаъолияти якҷоя татбиқ карда мешаванд, агар тартиби дигар мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти ширкати махфӣ барнаояд.

2. Дар муносибат бо шахсони сеюм ҳар кадоме аз шарикони ширкати махфӣ бо кулли молу мулки худ аз рӯи аҳдҳо, ки аз номи худ ба манфиати умумии шариконаш бастааст, ҷавобгар мебошанд.

3. Дар муносибатҳои байни шарикон уҳдадориҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи онҳо ба миён меоянд, умумӣ дониста мешаванд».

Нуктаҳои илмии манзуршаванда ба назари мо ҷолиби диққат буда, заминаи муҳими илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад. Ҳамзамон муқаррароти илмии №3 ва пешинҳоди №7.2 ки барои такмили қонунгузорӣ манзур шудаанд баҳснок мебошанд, ки мо дар бораи онҳо дар охири тақриз андешаҳоро мухтасар баён хоҳем кард.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Заминаҳои амалии тадқиқотро таҷрибаи ватанӣ ва мақомоти давлатии ваколатдор ташкил додааст. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқии ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории гражданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи ҳуқуқи гражданӣ ва соҳибкорӣ, курсҳои тахассусмандӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии рисола дар он мебошад, ки он ба беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии молумулкии иштирокчиёни ширкати оддӣ равона шуда, мавқеи ӯро дар ҷомеа аз лиҳози иҷтимоӣ мустаҳкам менамояд.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллиф 13 мақола нашр кардааст, ки 5-тои он (1,22 ҷузъи чопӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар маводи нашргашта инъикос ёфтаанд.

Нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаи диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шудааст. Масалан, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур аз соли 2016 ба ин тараф дар 16 конфронсҳои анъанавии ҳамасолаи апрелии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшинсоии ДМТ ва

чорабиниҳои илмии зерин: конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Рушди энергетикаи муътадил дар солҳои Истиқлолият» бахшида ба Рӯзи энергетикон ва 10-умин солгарди таъсисёбии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (ноҳияи Бохтар, вилояти Хатлон 22-23 декабри соли 2016); конференсияи байналмилалии илмӣ назариявӣ «Масъалаҳои мубрами ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ ва фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ» (шаҳри Душанбе, 25 ноябри соли 2016); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосгузори қонунгузории соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳри Душанбе, 16-уми ноябри соли 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (шаҳри Душанбе, 18-уми майи соли 2018); конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (шаҳри Душанбе, 8-уми октябри соли 2020) ва ғайра манзур шудаанд.

**Ба талаботи КОА мутобик будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи баррасишаванда вобаста ба ном ва нақшаю сохтор, муҳтаво, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо ба талаботҳои мавҷуда ҷавобгӯ мебошад. Он аз 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 166 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар **мукаддима** мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия асоснок ва баррасӣ гардидааст.

Дар **боби якум** масъалаҳои таъминоти ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷояро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои таърихии онро кушодааст. Баъдан ба мазмун ва моҳияти шартномаи мазкур аҳамият дода, муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя бавуҷудояндаро таҳқиқ кардааст. Ҳамзамон муаллиф аз усули таҳқиқотии муқоисавӣ истифода карда, шартномаи фаъолияти якҷояро бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя монанд муқоиса карда, хусусиятҳои хоси онро муайян кардааст.

Дар **боби дуюм** муаллиф табиати ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷояро мавриди таҳлил қарор додааст. Хусусан мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷояро баррасӣ карда, назарияҳои гуногунро таҳлил намудааст. Масъалаи ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз масъалаҳои муҳим дар рисола ба шумор рафта, ба он диққати махсус дода шудааст (с.89-107). Муаллиф вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни ширкати оддиро дар ин ҷо муфассал баррасӣ кардааст. Инчунин дар ин боб асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъи шартномаи фаъолияти якҷоя аз ҷониби муллиф баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ, ки ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола **автофератро** тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

Эродҳо ба диссертатсия

Дар баробари муваффакиятҳо дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва ҳалталаб ҷой доранд, аз ҷумла:

1.Дар пешниҳоди илмии №5 муллиф зикр кардааст, ки “Шарикон дар шартномаи фаъолияти якҷоя дорои чунин уҳдадориҳои ҳатмӣ мебошанд: барои ноил шудан ба мақсади умумӣ муттаҳид шаванд - ба даст овардани фоида ё ба даст овардани мақсади дигаре, ки хилофи қонун намебошад; амалҳои шахсиро иҷро кунанд ва бо иштироки шахсӣ дар расидан ба мақсади умумӣ саҳм гузоранд; барои ноил шудан ба мақсад саҳм гузоранд; масъулияти талафот ва хароҷотро аз фаъолияти якҷоя бар дӯш гиранд, фоида ва ё зарарро байни худ тақсим кунанд.

Қобили зикр аст, ки уҳдадорӣ ҳамеша хусусияти ҳатмӣ дорад. Муллиф ин ҷо ибораи “уҳдадории ҳатмӣ” – ро истифода мебарад, ки он зери суол аст. Дар ин пешниҳод уҳдадорӣ ва ҳуқуқ омехта шудааст. Масалан, ба даст овардани фоида ҳуқуқ аст, на уҳдадорӣ. Барои ҳамин ҳам муаллифро зарур аст, ки мавқеи худро дар ин ҷода мушаххас намояд.

2. Дар пешниҳоди №7.4 муаллиф ба КГ ҶТ илова намудани моддаи 1069 бо мазмуни зайл манзур кардааст:

«Моддаи 1069 (2). Ширкати махфӣ (хомӯшона)

1.Бо шартномаи фаъолияти якҷоя метавонад пешбинӣ шавад, ки мавҷудияти он ба шахсони сеюм ошкор карда намешавад (ширкати махфӣ). Ба чунин шартнома қоидаҳои пешбининамудаи ҳамин боб оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя татбиқ карда мешаванд, агар тартиби дигар мутобиқи моддаи мазкур пешбинӣ нагардида бошад ва ё аз моҳияти ширкати махфӣ барнаояд.

2. Дар муносибат бо шахсони сеюм ҳар кадоме аз шарикони ширкати махфӣ бо кулли молу мулки худ аз рӯи аҳдҳо, ки аз номи худ ба манфиати умумии шариконаш бастааст, ҷавобгар мебошанд.

3. Дар муносибатҳои байни шарикон уҳдадориҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти якҷояи онҳо ба миён меоянд, умумӣ дониста мешаванд».

Ба назари мо таъсиси чунин ширкатҳо яке аз омилҳои монополия дар бозор шуда метавонад. Мавҷудияти чунин ширкатҳо дар дигар давлатҳо наметавонад далел бошад, ки мо ҳам чунн ширкатҳо дошта бошем. Зеро, эҳтимолияти сӯиистифода намудани чунн ширкат хеле зиёд аст.

3.Дар рисола ба масъалаи таносуби ширкати комил ва ширкати оддӣ кам аҳамият дода шудааст. Аз ҳамин лиҳоз хуб мешуд, ки муаллиф дар бораи умумиятҳо ва фарқиятҳои онҳо мавқеи худро муайян менамуд.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Қисмати хотимавии тақриз – хулоса.** Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва нақшаи мавзӯъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳлил гардида, хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ»,** ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 ба қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад** сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан бандҳои 74-75 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор),

ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, тахти №505 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷорати ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ У. А. Меликов

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти ½
Тел.: 917448535

«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон С.С. Пирзода